# ҚАРОРИ

**ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-O18**

**11 июни 2024 с** **ш. Душанбе**

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018 таҳқиқоти диссертатсионии Фархудинов Ҷамшед Исроилович дар мавзӯи “Танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (роҳбари илмӣ: Қурбонов Қобил Шарифбоевич – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон), тақризи муассисаи пешбар «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» (ш. Душанбе); тақриз ва баромадҳои муқарризони расмӣ Аминова Фарида Маҳмадаминовна – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон тақризи мусбат додааст; Бобоев Ҷамрод Қурбонович - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон тақризи мусбат додааст, баромади мутахассисон аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: докторони илмҳои ҳуқуқшиносӣ – Маҳмудзода М.А., Тагойназаров Ш.Т., Ғаюрзода Ш.К., Имомова Н.М., Муртазозода Ҷ.С.,-ро шунида, мавриди муҳокима қарор дод.

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018 дар асоси натиҷаи овоздиҳи пинҳонӣ ва хулоса, ки аз ҷониби Шуро бобати саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, аҳаммиятнокии хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи Фархудинов Ҷамшед Исроилович, инчунин оид ба интишороти ӯ қабул шудааст.

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Фархудинов Ҷамшед Исроилович дар мавзӯи "Танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст, ба талаботҳои пешбининамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бандҳои 31 ва 33 - и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгу мебошад.
2. Интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамояд.
3. Ба Фархудинов Ҷамшед Исроилович дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки қарори Шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Фархудинов Ҷамшед Исроилович-ро бо дипломи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ сарфароз гардонад.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азиззода У.А.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Назаров А.Қ.

11 июни соли 2024